# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳасанов Фарҳод**
**“Шароитҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ”**

Боиси зикр аст, ки мавзӯи рисолаи илмии Ҳасанов Фарҳод яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ва басо муҳим ба ҳисоб меравад, зеро замони муосир ҳар як шахсро водор месозад, то ки лоақал як забони хориҷиро аз худ карда бошад, чунки ин талаботи замон аст. Забон беҳтарин воситаи муошират, омӯзиши таърих, санъат, урфу одат, анъана ва фарҳанги мамлакатҳои бегона, имконияти дар оянда пайдо намудани касби хуб мебошад.

Масъалаи омӯхтани забонҳои хориҷӣ дар Паём ва дигар суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти муаззам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид ёфтааст:

« Аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд».

Бинобар ин вазифаи ҷонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ ба хонандагону донишҷӯён талқин намудани омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ, аз худ намудани дастовардҳои навини техника технологияи муосир мебошад.

Чуноне унвонҷӯ дар рисола қайд менамояд, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ин дараҷаи зарурии омӯзиши забони англисӣ мебошад. Бо ташаккули салоҳияти коммуникативӣ мутахассис бо забони англисӣ балад гашта, малака ва маҳорати хондан, навиштан, тарҷума кардан ва муошрати зиндаро доро мегардад. Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ зинаи олии азхудкунии забони англисӣ мебошад. Инчунин бо ташаккули салоҳияти коммуникативӣ соҳибкасб бо забони англисӣ балад гашта, бо таърих, фарҳанг ва урфу одати соҳибзабонҳо шинос мегардад, ки ин ба тарбияи маънавӣ, ботинӣ ва рушди ҷаҳонбинии ӯ мусоидат менамояд. Чунин мутахассис қодир аст дар гуфтугуйи байнифарҳангӣ озодона ширкат намуда, фарҳанги миллиро барои ҷаҳониён муаррифӣ карда, ҳамкориҳои судманди иқтисодиро бо ҳамкорони хориҷӣ ба роҳ монад.

Дар боби 1 – и рисола, ки «Проблемаҳои умумӣ - назариявии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативию тарбиявии донишҷӯён дар

раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ" номгузорӣ шудааст, унвонҷу як қатор проблемаҳои ҷойдоштаро иброз дошта, ҳамзамон ҳалли баъзе аз онҳоро овардааст, ки аз муваффақиятии кори бааҷомрасидаи ӯ дарак медиҳад. Барои мисол ӯ менависад: - Яке аз роҳҳои баланд бардоштани шавқу рағбати донишҷӯён ин гузаронидани озмунҳо, ҷашнҳо, конфронсҳои илмӣ-амалии байналмиллалие, ки бо ташаббуси кафедраи забони англисӣ гузаронида мешавад, ба ҳисоб меравад. Гузаронидани чунин чорабиниҳо на танҳо шавқу рағбати донишҷӯёнро бештар менамоянд, балки маҳорати муоширатии онҳоро инкишоф медиҳад, ҳамчунон салоҳияти дар гурӯҳ кор карданро ташаккул медиҳад, ки ин барои мутахассиси оянда хеле муфид аст.

Инчунин ба ақидаи Ҳасанов Фарҳод барои шавқовар гузаронидани дарсҳои забони англисӣ, ворид намудани бозиҳои гуногун дар дарс хеле муҳим аст, ки намунаи бозиҳо низ дар рисола оварда шудаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки "Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ-тарбиявии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ" ном дорад, чуноне унвонҷӯ иброз медорад: имрӯз масъалаи таълими забони англисӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ хеле муҳим аст. Дар назди омӯзгор вазифаи тайёр кардани шахсияте меистад, ки ӯ дар муошрати байни маданиятҳо ширкат варзида тавонад. Пеш аз ҳама, дар донишҷӯён мебояд салоҳиятҳои коммуникативиеро ташаккул дод, ки дар худ ҳам салоҳияти забонӣ, ҳам иҷтимоӣ-маданиро ифода намояд. Онҳое, ки ба омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) машғул мешаванд, пеш аз ҳама, бояд соҳиби малакаи муоширатӣ бошанд. Барои инкишоф додани ин малакаҳо бояд омӯзгор дарсеро интихоб намояд, ки ба ташаккули малакаҳо мусоидат кунад. Дар ин ҷода назари муҳаққиқони варзида дар он аст, ки бо таълими дарсҳои анъанавӣ бояд дар як вақт таълими ғайрианъанавии дарсҳоро мавриди истифода қарор дод. Ба чунин намуди дарсҳо, пеш аз ҳама, видео-дарс, мубоҳиса-дарс, спектакл-дарс, саёҳат-дарс шомил мешаванд.

Ҳамзамон, мехостам сифатҳои шахсии Ҳасанов Ф – ро низ қайд намоям. Аз соли 2016 Ҳасанов Фарҳод дар кафедраи назария ва амалияи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ кору фаъолият менамояд.

Боиси зикр аст, ки номбурда барои хизматҳояш аз ҷониби раёсати Донишгоҳи давлатии Данғара соли 2018 бо гранти дараҷаи якум сазовор гардидааст. Унвонҷӯй худро аз ҷиҳати мусбӣ нишон дода, имтиҳони маҷмӯиро бомуваффақият супорида, вобаста ба мавзӯи рисолаи номзадӣ зиёда аз 6 мақолаву 4 дастур ва 1 китоб омода намудааст.

Ҳасанов Фарҳод ҳамеша дар раванди корҳои илмиву ҷамъиятии кафедра, коллеҷ ва донишгоҳ иштироки фаъолона дошта, байни ҳамкасбонаш соҳиби обрӯву эътибор аст.

Дар давраи таҳсил ҳамчун унвонҷӯй, аниқтараш дар соли аввали таҳсил ҳангоми оғози кори илмӣ диссертант бо миқдори зиёди сарчашмаҳои педагогиву психологӣ вобаста ба мавзӯи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, мустақилиятиву бомасъулиятӣ ва меҳнатдӯстиро зоҳир намуда буд.

Хулосаҳои назариявию таклиф ва пешниҳодҳои Ҳасанов Ф аз мундариҷаи умумии рисолаи номзадӣ бармеояд ва автореферат мундариҷаи умумии рисолаи номзадиро инъикос менамояд.

Хуллас, таҳқиқоти илмии Ҳасанов Фарҳод “Шароитҳои дидактикии ташкил намудани салоҳиятҳои коммуникативӣ-тарбиявии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар факултетҳои ғайризабонӣ” мустақилона анҷом дода шуда, ба ҳалли масъалаҳои мубрами педагогика нигаронида шудааст. Рисола аз рӯи ҳаҷм, мазмун, масъалагузорӣ ва миқдори мақолаҳои ба табъ расонида ҷавобгӯи талабот буда, баҳри дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи тахассуси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои педагогӣ: Лутфуллоева П. М

Имзои П. Лутфуллоеваро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳои ПРМ
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО